# 96677 - Ҳукми Лара ном гузоштан

## савол

Метавонед лутфан ба ман иттилоъ бидиҳед, ки оё номи Лара номи исломӣ аст ва маънои ин ном чист? Ман ин номро дар яке аз китобҳои номҳои исломӣ дидаам.

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин ном ё иштиқоқи онро аз сарчашмаҳои забони арабӣ пайдо карда натавонистем. Ба назар мерасад, ки он аз забони дигар омадааст.

Дар асоси он, агар маънои ин ном маълум набошад, набояд он гузошта шавад. Агар ягон маънои бад, зидди дин ва зидди ахлоқи некӯ надошта бошад, ба монанди номи худоён ё дар он бешармӣ ва даъват ба мункар ё мадҳу ситоиши шахс дида нашавад, дар ин ҳолат дар гузоштани ин ном ҳеҷ ҳараҷе нест.

Беҳтар аст, ки инсон ба писарону духтарони худ номҳои некӯе, ки маънояшро медонад, гузорад.

Лутфан ба саволи рақами (1692) нигаред.

Аллоҳ донотар аст.